# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии довталаби дараҷаи илмии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисиро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст ва ин интихоб, ки мутобиқ ба муқаррароти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, халои мавҷударо дар таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ пур хоҳад кард. Муайян кардани маҷмӯи роҳу восита ва усулҳои педагогие, ки ба ин раванд мусоидат мекунанд, барои такмили низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти бориз дорад.

Бо дарназардошти аҳамияти муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор метавонад дар рушди маънавиёти ҷомеа нақши басо мубрамро иҷро кунад. Ин имкон медиҳад, ки ба таври самараноктар аз имконоти машғулиятҳои забони англисӣ дар таълиму тарбияи насли наврас истифода бурда шавад.

Бояд зикр кард, таҳқиқоти унвонҷӯй ба мукаммалшавии илмии масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ саҳм гузошта, имкон фароҳам овардааст, ки дар амалияи таълим, яъне дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ усулҳои самарабахш ва технологияҳои мусоиди педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ татбиқ карда шаванд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки барои таъмини рушди устувори давлат, самаранокии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бояд роҳи ҳалли дурусти масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бо дарзардошти талаботи замони муосир пайдо ва ҳаллу фасл карда шавад.

Арзишмандии кори диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳорро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;

- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни технологияҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба нақшаи пешбинишуда мувофиқат намуда, фарзияи илмии таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имконияти машғулиятҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки роҳу усулҳои самарабахши рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, татқиқоти муҳаққиқону олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барномаи таълим оид ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ татбиқ карда шаванд; роҳу усул ва технологияҳои коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими муасисаҳои таълимии ҳама зинаҳои таҳсилот мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро минбаъд дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ вобаста ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврасу ҷавон дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурдан мумкин аст.

Роҳу усулҳои методии пешниҳодшудаи ташаккули сифаҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, ки дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааанд, метавонад ҳамчун заминаи мустаҳкам барои таҳияи минбаъдаи методикаи таълими фанҳои гуногун хизмат кунанд ва ба омӯзгорон дар амал татбиқ намудани равишҳои муосири таълимӣ-тарбиявӣ кумак расонад.

Таъкид ба ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён имкон медиҳад, ки раванди таълим ба талаботи хонандагон мутобиқ гардонида шуда, ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти онҳо мусоидат намояд.

Бо ибораи дигар, таҳқиқот на танҳо ба таври назариявӣ арзишманд аст, балки дорои неруи амиқи амалӣ мебошад, зеро он метавонад ба такмили сифати таълим ва омодасозии ҷавонони донишҷӯ ба ҳаёти мустақилона ва фаъолияти ояндаи касбӣ дар ҷомеаи муосир мусоидат намояд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва маводи дигари илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария

ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
Самадова Гулчаҳон

"6" "04" 2026

**Маълумот барои тамос:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад, 63/3;
935242226

*«Имзои Самадова Гулҷаҳонро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода Нуридинзода Ф.Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ